Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-105 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға: 734025, шаҳри Душанбе, кучаи Буни-Ҳисорак, бинои 17, Телефон: (+992) 981-09-70-33, E-mail: rohatullo1956@mail.ru)

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, д.и.и., дотсент
_____ Раҳмонзода З.Ф.
«__13__» ____11____ соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Солиҳзода Диловари Имомалӣ дар мавзуи «Амсиласозии математикии динамикаи рушд ва маҳсулнокии мурғи марҷон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. - Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. - Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) (соҳаи техникӣ)

Маълумоти умумӣ оид ба диссертатсия

Диссертатсия́ дар кафедраи информатикаи факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Дар давраи иҷрои таҳқиқот Солиҳзода Диловари Имомалӣ унвонҷӯи кафедраи мазкур буда, зери роҳбарии доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Комилиён Файзалӣ Саъдулло корро ба анҷом расонидааст.

Мавзуи таҳқиқот дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26 – уми апрели соли 2022, суратмаҷлиси № 11, бо номи «Амсиласозии компютерии парвариши мурғи марҷон» тасдиқ гардида, бо қарори Шурои олимон аз 1 – уми июни соли 2026, суратмаҷлиси № 9, бо номи кунунӣ ифода шудааст. Маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (минимум) аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 14 - уми майи соли 2026 таҳти № 182 дода шудааст.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи пешбар диссертатсияро аз ҷиҳати мувофиқати ихтисосӣ, мазмуну натиҷаҳои илмӣ, арзиши назариявию амалӣ, дараҷаи коркарди масъала ва имконияти истифодаи натиҷаҳо мавриди баррасӣ қарор додааст.

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Мавзуи интихобшуда ба доираи масъалаҳои ихтисоси 1.2.8. - Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо дохил мешавад. Муаллиф равандҳои биологӣ ва истеҳсолии парвариши мурғи марҷонро ба шакли низоми нишондиҳандаҳои миқдорӣ пешниҳод намуда, барои тавсифи онҳо функсияҳо, муодилаҳо ва алгоритмҳои ҳисоббарориро истифода кардааст. Дар кор на танҳо сохтани амсилаҳои назариявӣ, балки муайян кардани параметрҳо, санҷиши мувофиқати онҳо ба маълумоти мушоҳидавӣ ва татбиқи ҳисоббарорӣ дар муҳити барномавӣ низ ҷой дорад.

Ҷанбаҳои зикршуда бо бандҳои 3, 4, 5 ва 9-и шиносномаи ихтисос алоқаманд буда, мутобиқати муҳтавои таҳқиқотро ба самти илмии дархостшаванда тасдиқ менамояд.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии парандапарварӣ танҳо бо тавсифи таҷрибаи истеҳсолӣ маҳдуд намешавад; барои қабули қарорҳои асоснок зарур аст, ки тағйирёбии нишондиҳандаҳои рушд ва таъсири омилҳои муҳити бо воситаҳои миқдорӣ арзёбӣ карда шавад. Мурғи марҷон дар марҳилаҳои гуногуни ҳаёт суръати афзоиш ва талаботи ғизоии яксон надорад. Аз ин рӯ, истифодаи як муносибати умумӣ бе ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва шароити парвариш метавонад ба пешгӯии нодурусти натиҷаҳо оварда расонад.

Муҳиммияти таҳқиқоти Солиҳзода Д.И. дар кӯшиши таҳияи маҷмуи амсилаҳое зоҳир мегардад, ки динамикаи вазни зинда, нишондиҳандаҳои тухмнокӣ ва таъсири омилҳои табиию технологиро дар робитаи байниҳамдигарӣ меомӯзанд. Самти мазкур барои хоҷагиҳои парандапарварии кишвар ва ҳамзамон барои рушди усулҳои амсиласозии татбиқӣ аҳаммияти илмӣ дорад.

3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия

Масъалаи таҳқиқот аз якчанд ҷузъи пайдарпай иборат аст: омӯзиши заминаҳои биологӣ ва иқтисодӣ, муайян кардани омилҳои таъсиррасон, сохтани тасвири консептуалӣ, интихоби шакли функсионалии мувофиқ, муайянсозии параметрҳо ва гузаронидани ҳисобҳои компютерӣ. Ин пайдарҳамӣ дар сохтори

диссертатсия инъикос ёфта, гузариш аз асосноккунии масъала ба таҳияи амсилаҳо ва санҷиши онҳо таъмин гардидааст.

Муаллиф 15 вазифаи таҳқиқотиро муайян намуда, масъалаҳои асосиро дар чор боб баррасӣ кардааст. Барои тавсифи афзоиши вазни зинда якчанд синфи амсилаҳо истифода шуда, имкониятҳои онҳо муқоиса гардидаанд. Дар қисми ҳисоббарорӣ низоми муодилаҳои дифференсиалӣ бо усули ададии Рунге–Куттаи тартиби чорум ҳал карда шудааст. Ҳамин тавр, гузоришҳои илмӣ бо усулҳои муайяни математикӣ ва воситаҳои барномавӣ пайваст буда, хулосаҳо аз натиҷаҳои таҳлил ва ҳисобҳо бармеоянд.

4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда

Ҷанбаи нави таҳқиқот дар татбиқи маҷмуии амсиласозии консептуалӣ, математикӣ ва компютерӣ ба масъалаи динамикаи рушд ва маҳсулнокии мурғи марҷон ифода меёбад. Дар диссертатсия марҳилаҳои ҳаёти популятсия бо назардошти омилҳои беруна баррасӣ гардида, амсилаи Мак-Миллан барои омӯзиши сатҳи тухмнокӣ мутобиқ карда шудааст. Ҳамчунин, шаклҳои хаттӣ, дараҷавӣ, экспоненсиалӣ, логистикӣ ва амсилаҳои S-шакли Берталанффи, Бриҷес ва Пюттер таҳлил гардида, имконияти истифодаи онҳо барои тавсифи афзоиши вазни зинда муқоиса шудааст.

Натиҷаи дигари муҳим таҳияи амсилаи компютерии раванд бо ворид намудани омилҳои экотехнологӣ ва истифодаи усули RK4 барои ҳалли ададии низоми муодилаҳо мебошад. Дар ин замина, маҷмуи барномавии таҳқиқотӣ барои иҷрои ҳисобҳо ва пешниҳоди натиҷаҳо таҳия шудааст. Саҳеҳии натиҷаҳо бо такя ба маълумоти таҷрибавӣ, муайянсозии параметрҳои амсилаҳо ва муқоисаи натиҷаҳои ҳисоббарорӣ арзёбӣ мегардад. Бо ин вуҷуд, дараҷаи дақиқии ҳар як амсила бояд дар доираи маҷмуи меъёрҳои ягона баррасӣ шавад; ин масъала дар бахши эродҳо низ зикр мегардад.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Аҳаммияти илмии кор дар васеъ намудани имконияти истифодаи моделсозии математикӣ ҳангоми таҳқиқи системаҳои биологӣ ва равандҳои истеҳсолии дорои тағйирёбии вақт мебошад. Маводи таҳқиқот метавонад барои омӯзиши робитаи байни параметрҳои муҳит, хусусиятҳои рушди популятсия ва нишондиҳандаҳои маҳсулнокӣ замина фароҳам оварад.

Ҷанбаи амалӣ бо имконияти истифодаи амсилаҳо барои муқоисаи шароити парвариш, пешгӯии тағйирёбии вазни зинда ва арзёбии таъсири ҳарорат, намнокӣ, рӯшноӣ, обу ғизо алоқаманд аст. Аз нигоҳи иқтисодӣ, натиҷаҳои ҳисоббарорӣ метавонанд ҳангоми баррасии меъёрҳои ғизодиҳӣ ва

банақшагирии марҳилаҳои парвариш ҳамчун воситаи ёрирасони таҳлил истифода шаванд. Аҳаммияти иҷтимоии кор ба беҳтар намудани заминаи илмии омодасозии мутахассисон ва баланд бардоштани донишҳои соҳавӣ дар самти истифодаи усулҳои рақамӣ дар парандапарварӣ марбут мебошад.

Дар замимаи дуюми диссертатсия санади татбиқи натиҷаҳои асосии таҳқиқот мавҷуд аст, ки бо имзо ва муҳри Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 – уми апрели соли 2026 тасдиқ шудааст. Дар санад имконияти истифодаи натиҷаҳо барои ташкили курсҳои такмили ихтисос барои мутахассисони хоҷагиҳои мурғимарҷонпарварӣ ва баргузории машғулиятҳои махсус барои донишҷӯёни ихтисосҳои информатика ва биология зикр гардидааст.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии онҳо

Эътимоднокии натиҷаҳо пеш аз ҳама ба истифодаи усулҳои маъруфи моделсозии математикӣ, коркарди маълумоти таҷрибавӣ ва усулҳои ададии ҳалли муодилаҳо такя мекунад. Муаллиф амсилаҳои дорои хусусиятҳои гуногунро истифода бурда, параметрҳои онҳоро муайян ва натиҷаҳои ҳисобиро бо маълумоти мушоҳидавӣ муқоиса намудааст. Истифодаи усули Рунге–Куттаи тартиби чорум барои татбиқи компютерии қисми динамикӣ имкон медиҳад, ки раванди ҳисоббарорӣ дар асоси алгоритми муайян такрор карда шавад.

Ҳамзамон, дар диссертатсия маълумоти ҷадвалӣ, графикӣ ва рамзҳои барномавӣ оварда шудаанд, ки барои пайгирии раванди таҳқиқ мусоидат мекунанд. Мавҷудияти санади татбиқ низ далели баррасӣ шудани имконияти истифодаи натиҷаҳо берун аз доираи ҳисобҳои назариявӣ мебошад.

7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ

Саҳми шахсии Солиҳзода Диловари Имомалӣ дар интихоби самти таҳқиқ, омӯзиш ва ҷамъбасти адабиёти илмӣ, ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии маълумоти таҷрибавӣ, сохтани тасвирҳои консептуалӣ, таҳияи амсилаҳои математикӣ ва компютерӣ, муайянсозӣ ва санҷиши параметрҳо, иҷрои ҳисоббарориҳо ва таҳлили натиҷаҳо инъикос ёфтааст. Муаллиф инчунин дар таҳияи хулосаҳо, пешниҳоди тавсияҳои методӣ ва омода намудани матни диссертатсия иштирок намудааст. Саҳми ӯ дар натиҷаҳои муштараки интишоршуда тибқи маълумоти дар диссертатсия ва рӯйхати мақолаҳо овардашуда муайян карда мешавад.

8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маҷмуъ дар 17 мақола ва фишурдамақола инъикос ёфтаанд: 12 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ. Мавзуи интишорот бо масъалаҳои асосии диссертатсия – амсилаҳои афзоиш, таъсири

омилҳои иқлимӣ, амсилаи Мак-Миллан, таҳлили қиёсӣ ва ҳисоббарории компютерӣ – робитаи мустақим дорад.

а) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М] *Солиҳзода, Д. И.* Амсилаи S-шакли Берталанффи дар тасвири динамикаи афзоиши вазни зиндаи мурғи марҷон [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Фуруғи илм. Бахши илмҳои табиӣ-риёзӣ. – 2026. – № 1. – С. 103-113. – DOI: 10.24412/3078-395X-2026-1-7-103-113. – EDN: WWNOQJ.

[2-М] *Солиҳзода, Д. И.* Амсиласозии компютерии динамикаи афзоиши вазни зиндаи мурғи марҷон бо истифода аз RK4 [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Фуруғи илм. Бахши илмҳои табиӣ-риёзӣ. – 2026. – № 2 (10). – С. 243-251. – DOI: 10.24412/3078-395X-2026-2-10-243-251. – EDN: UCVTIY.

[3-М] *Солиҳзода, Д. И.* Амсиласозии раванди афзоиши вазни зиндаи мурғи марҷон зери таъсири омилҳои экотехнологӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2026. – № 1. – С. 253-261. – EDN: OWWAFH.

[4-М] *Солиҳзода, Д. И.* Амсилаҳои Бриҷес ва Пюттер дар тасвири динамикаи афзоиши вазни зиндаи мурғи марҷон [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе. – 2026. – Ҷ.1, № 1 (53). – С. 5-20. – EDN: LBPHSC.

[5-М] *Солиҳзода, Д. И.* Амсилаҳои хаттӣ, дараҷавӣ, экспоненсиалӣ ва логистикӣ дар тасвири динамикаи афзоиши вазни зиндаи мурғи марҷон [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Паёми политехникӣ. Бахши: интеллект, инноватсия, инвеститсия. – 2026. – № 1 (73). – С. 73-81. – DOI: 10.65599/III2540. – EDN: HEAIHF.

[6-М] *Солиҳзода, Д. И.* Муайякунии дараҷаи татбиқшавандагии амсилаҳои математикӣ дар тасвири динамикаи афзоиши вазни зиндаи мурғи марҷон бо усули таҳлили қиёсӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Фуруғи илм (Бахши илмҳои табиӣ-риёзӣ). – 2026. – № 1. – С. 125-134. – DOI: 10.24412/3078-395X-2026-1-7-125-134. – EDN: ISIPNO.

[7-М] *Солиҳзода, Д. И.* Мутобиқгардонии амсилаи математикии Мак-Миллан барои таҳқиқи сатҳи сертухмии мурғи марҷон [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода, И.М. Саидзода // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2025. – № 2. – С. 137-146. – EDN: IAOORT.

[8-М] *Солиҳзода, Д. И.* Таҳлили қиёсии динамикаи афзоиши вазни зиндаи индивидҳои синфҳои тақсимотии популятсияи мурғи марҷон [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2026. – № 1. – С. 203-211. – EDN: ZIKVRV.

[9-М] *Солиҳзода, Д. И.* Технологияҳои амсиласозии марҳилаҳои ҳаёти популятсияи мурғи марҷон [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Фурӯғи илм. – 2024. – № 3. – С. 32-40. – EDN: KQSOZL.

[10-М] *Солихзода, Д. И.* Учет влияния климатических факторов при концептуальном моделировании жизнедеятельности индейки в условиях птицеводческих хозяйств [Текст] / Д.И. Солихзода // Наука и инновация. Серия геологических и технических наук. – 2024. – № 3. – С. 196-203. – EDN: GJAKPE.

[11-М] *Солиҳзода, Д. И.* Асосҳои биологӣ ва иқтисодии амсиласозии популятсияи мурғи марҷон [Матн] / Д.И. Солиҳзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои табиӣ. – 2024. – № 4 (24). – С. 218-227. – EDN: SBVHXV.

[12-М] *Солиҳзода, Д. И.* Нақши амсилаи математикии Мак-Миллан дар ҳалли масъалаҳои гуногуни амалӣ [Матн] / Д.И. Солиҳзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2025. – № 2 (61). – С. 78-84. – EDN: WWFDDV.

б) Мақолаҳое, ки дар маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд:

[13-М] *Солиҳзода, Д. И.* Баҳисобгирии таъсири омилҳои беруна зимни амсиласозии марҳилаҳои ҳаёти мурғи марҷон [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, ДМТ, 2023. – С. 12-15.

[14-М] *Солиҳзода, Д. И.* Масъалаҳои амсиласозии компютерии парвариши мурғи марҷон [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.И. Солиҳзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик», бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург. – Бохтар, ДДБ, 2023. – С. 93-97.

[15-М] *Солихзода, Д. И.* Концептуальное моделирование влияния климатических факторов на жизнедеятельности индеек [Текст] / Д.И. Солихзода, Ф.С. Комилиён // Материалы республиканской научно-практической конференции по теме «Роль интернета в применении информационно-коммуникационных технологий и информационной безопасности в социальных сетях». – Душанбе, АГУ, 2024. – С. 24-31.

[16-М] *Солиҳзода, Д. И.* Оид ба асосҳои биологии технологияи амсиласозии компютерии масъалаҳои мурғимарҷонпарварӣ [Матн] / Солиҳзода Д.И. // Таҳлили компютерии масъалаҳои илм ва технология: Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, ДМТ, 2023. – С. 378-382. – EDN: YTRMCY.

[17-М] *Солиҳзода, Д. И.* Роҷеъ ба асосҳои биологии усули амсиласозии компютерии парвариши мурғи марҷон [Матн] / Д.И. Солиҳзода // Масъалаҳои муосири моделсозии математикӣ ва татбиқи он. Маводҳои конференсияи XII-уми байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, ДМТ, 2024. – С. 83-88. – EDN: SQCTRU.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ ва конференсияҳои солҳои 2022–2026 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии кишвар муаррифӣ шудаанд.

9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, 16 параграф, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 223 саҳифаро ташкил медиҳад. Дар матн 10 ҷадвал ва 33 расм ҷой дода шуда, рӯйхати адабиёт 205 номгӯйро дар бар мегирад. Таркиби кор ба пайдарҳамии ҳалли масъалаҳои таҳқиқотӣ мувофиқат мекунад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, объекту предмет, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва саҳми шахсии довталаб муайян карда шудаанд.

Боби якум ба баррасии заминаҳои назариявӣ ва биологии масъала бахшида шудааст. Дар он хусусиятҳои парвариши мурғи марҷон, ҷанбаҳои биологию иқтисодӣ ва аҳаммияти маълумоти таҷрибавӣ барои сохтани амсилаҳо таҳлил мегарданд. Ин боб заминаи предметии таҳқиқотро муайян мекунад.

Дар боби дуюм муносибатҳои консептуалӣ ва математикӣ барои тавсифи марҳилаҳои ҳаёти популятсияи мурғи марҷон пешниҳод шудаанд. Таъсири

омилҳои иқлимӣ ба назар гирифта шуда, имконияти истифода ва мутобиқсозии амсилаи Мак-Миллан барои омӯзиши нишондиҳандаи тухмнокӣ баррасӣ мегардад.

Боби сеюм ба таҳлили шаклҳои гуногуни функсионалии афзоиши вазни зинда бахшида шудааст. Муаллиф амсилаҳои хаттӣ, дараҷавӣ, экспоненсиалӣ, логистикӣ, Берталанффи, Бричес ва Пюттерро муқоиса намуда, хусусиятҳои татбиқи онҳоро дар шарҳи динамикаи рушд меомӯзад. Натиҷаи ин марҳила интихоби амсилаи муносиб барои таҳқиқоти минбаъда мебошад.

Дар боби чорум масъалаи татбиқи компютерии амсилаҳо ва таҳлили таъсири омилҳои экотехнологӣ баррасӣ мешавад. Барои ҳисоб кардани динамикаи вазни зинда усули RK4 истифода гардида, натиҷаҳои ҳисоббарорӣ дар шакли ҷадвал ва график пешниҳод шудаанд. Қисми барномавӣ имконияти истифодаи ҳисобҳоро барои таҳлили самаранокии ғизодиҳӣ ва баъзе нишондиҳандаҳои иқтисодии парвариш фароҳам меорад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст ва самтҳои истифодаи амалии онҳо пешниҳод шудаанд. Замимаҳо маводи иловагӣ, аз ҷумла рамзҳои барномавӣ ва санади татбиқро дар бар мегиранд. Дар маҷмуъ, диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти дорои масъалаи муайян, методикаи коркардшуда ва натиҷаҳои ҷамъбастшуда арзёбӣ мегардад.

10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсия дорои унсурҳои асосии сохтори кори илмӣ буда, маводи назариявӣ, таҳлилӣ ва ҳисоббарорӣ дар бобҳои алоҳида баён шудааст. Истифодаи ҷадвалҳо, расмҳо, формулаҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо барои шарҳи натиҷаҳо мусоидат менамояд. Автореферат низ барои инъикоси мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот пешбинӣ гардидааст.

Ҳангоми омодасозии нусхаи ниҳоӣ зарур аст, ки ягонагии истилоҳоти илмӣ, тарзи навишти формулаҳо, ишора ба расму ҷадвалҳо, сабти манбаъҳо ва мутобиқати маълумоти библиографӣ дар тамоми матн санҷида шавад. Ин талаботи таҳририӣ ба беҳтар шудани сифати пешниҳод ва мутобиқати ҳуҷҷатҳо ба меъёрҳои расмӣ мусоидат менамояд.

11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда

Мазмун ва хусусияти масъалаҳои ҳалшуда дар диссертатсия ба соҳаи моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва таҳияи комплекси барномавӣ

мансуб мебошанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таҳлили математикӣ, муайянсозии параметрҳо, ҳисоббарории ададӣ ва воситаҳои барномасозиро истифода бурдааст. Аз ин рӯ, самти тахассусии дархостшаванда бо мазмуни кори пешниҳодшуда мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз он ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки дар он масъалаи мушаххаси соҳаи истеҳсолӣ бо истифода аз усулҳои дақиқи математикӣ ва компютерӣ баррасӣ шуда, натиҷаҳои назариявӣ ба шакли воситаи ҳисоббарорӣ ва тавсияҳои амалӣ наздик карда шудаанд.

12. Эродҳо доир ба диссертатсия

1. Дар бахши 3.4, саҳ. 119-129 муқоисаи якчанд амсилаи математикӣ, аз ҷумла амсилаҳои хаттӣ, дараҷавӣ, экспоненсиалӣ, логистикӣ, Берталанффи, Бриҷес ва Пюттер гузаронида шуда, амсилаи оптималӣ интихоб карда шудааст. Бо вуҷуди ин, меъёрҳои муқоиса дар ҳамаи ҳолатҳо бо нишондиҳандаҳои ягонаи миқдории хатогии ҳисоббарорӣ пурра ифода наёфтаанд. Аз ҷумла, арзёбии саҳви нисбӣ асосан барои амсилаи интихобшуда дар саҳ. 162-163 оварда шудааст. Барои муқоисаи боз ҳам возеҳтари амсилаҳо истифодаи маҷмуи ягонаи нишондиҳандаҳои оморӣ, масалан саҳви миёнаи нисбӣ ва ё дигар меъёрҳои дақиқии аппроксиматсия, мувофиқи мақсад мебуд.

2. Дар қисми амалии диссертатсия, махсусан дар саҳ. 161-165 ва замимаи 1, саҳ. 206-222, натиҷаҳои амсиласозӣ барои арзёбии самаранокии ғизодиҳӣ ва ҷанбаҳои иқтисодии парвариши мурғи марҷон истифода шудаанд. Аммо дар блоки иқтисодии барномавӣ (замимаи 1, саҳ. 216) нархи 1 кг вазни зинда 45 сомонӣ ва арзиши 1 кг ғизо 6,5 сомонӣ ҳамчун қиматҳои собит қабул шудаанд. Аз ин рӯ, тағйирёбии нархҳои бозорӣ, хароҷоти иловагии истеҳсолӣ ва таъсири онҳо ба натиҷаи ниҳоии иқтисодӣ дар амсилаи пешниҳодшуда ба таври мустақим ба назар гирифта нашудааст. Илова бар ин, тавсифи тартиби истифодаи қисми барномавӣ барои корбари ниҳоӣ метавонад муфассалтар бошад.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба моҳияти натиҷаҳои илмии таҳқиқот таъсири ҳалкунанда намерасонанд ва асосан ба такмили сохторӣ, методӣ ва таҳририи диссертатсия нигаронида шудаанд.

13. Автореферат ва хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида таҳия шуда, мазмуни асосии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навгонии илмӣ, натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллифро инъикос менамояд. Маводи дар

автореферат овардашуда ба самтҳои асосии диссертатсия мувофиқат дошта, барои шиносоӣ бо натиҷаҳои таҳқиқот имконият фароҳам меорад.

Хулоса, диссертатсияи Солиҳзода Диловари Имомалӣ дар мавзуи «Амсиласозии математикии динамикаи рушд ва маҳсулнокии мурғи марҷон» таҳқиқоти мустақилона ва аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта буда, масъалаҳои сохтани амсилаҳои математикӣ ва компютерӣ, таҳлили динамикаи афзоиши вазни зинда ва арзёбии таъсири омилҳои табиию технологиро фаро мегирад. Натиҷаҳои кор дорои аҳаммияти назариявӣ ва имконияти истифодаи амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ шудааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) мутобиқат менамояд. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. - Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. - Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) сазовор мебошад.

ҚАРОРИ ҶАЛАСА

1. Диссертатсияи Солиҳзода Диловари Имомалӣ дар мавзуи «Амсиласозии математикии динамикаи рушд ва маҳсулнокии мурғи марҷон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. - Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. - Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) (соҳаи техникӣ) таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) пурра мувофиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ мебошад.

3. Диссертатсия барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-105 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

4. Аз Шурои диссертатсионии 6D.KOA-105 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори ҷаласаи васеи кафедраи барномасозӣ

ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро ҳамчун муассисаи пешбар ба инобат гирад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 5 аз 11.11.2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 13 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Раиси ҷаласа:

Мудири кафедраи барномасозӣ
ва зеҳни сунъии Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон
доктор PhD Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло

Эксперт:

н.и.ф-м., дотсенти кафедраи технологияҳои
иттилоотӣ ва иқтисоди рақамии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Юсупов Мирзо Чулиевич

Котиби илмии ҷаласа:

н.и.и., муаллими калони кафедраи технологияҳои
иттилоотӣ ва иқтисоди рақамии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Парвонаева Хандон Зариповна

Имзоҳои Н.С. Абдуллозода, М.Ч Юсупов ва Х.З. Парвонаева - ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Абдуназаров А.

Суроғаи муассисаи пешбар: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 63/3, Тел. +992(37) 234-7987, Факс: +992(37) 234-79-88, E-mail: rectorat-tut@mail.ru, Сомонаи расмӣ: www.tut.tj

«13» 11 соли 2026

E-mail: rektorat-favri-tut@mail.ru; сомонаи расмӣ: tut.tj

«___» _____ соли 2026